**ТАҚРИЗ**

ба кори диссертатсионии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич **дар мавзуи «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) пешниҳод шудааст.

**Интишорот.** Натиҷаҳои асоси таҳқиқот аз рӯи мавзуи диссертатсия дар 23 мақола, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои пешрави тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодатномаи муаллифи як патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № TJ 1417 гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии муаллиф дар омоданамоии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Муаллиф мақсад ва масъалаҳои таҳқиқотиро саҳеҳ ифода намуда, роҳҳои ҳалли назариявӣ ва таҷрибавии онҳоро муқаррар карда, ҳисоби параметрҳои геотехникии массиви ҷинсҳои кӯҳиро ва ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунии нақби зери таъсири қувваҳои зилзилавӣ қарор доштаро бо муайянкунии параметрҳои асосии гузаргоҳи нақби гидротехникӣ баҳогузорӣ намуда, натиҷаҳои асосии ба дастовардаро ҷамъбаст карда хулосабарорӣ намудааст.

Аз рӯи усулҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва асосҳои илмии навгонии пешниҳодшуда, диссертатсия ба шиносномаи соҳаи илмии ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) мутобиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъкунии системаи ирригатсионӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида ба ҳисоб меравад. Бинобар он ба ин самт ҳамчун муайянкунандаи асосии рушди хоҷагии халқ дар муддати зиёда аз ҳафтод сол диққати ҷиддӣ дода мешавад. Қайд бояд намуд, ки имкониятҳои ҷумҳурӣ рушди соҳа ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Дар сатҳи ҷумҳурӣ барномаҳо ва стратегияҳои гуногун оид ба муҷаҳҳаз ва бунёди системаҳои ирригатсионӣ (обёрии замин) бо рӯй овардан ба рушди нақши комплекси агросаноатӣ (КАС) қабул шудаанд. Дар давоми солҳо (гузариш аз даврони шӯравӣ ба истиқлолият) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони шабакаҳои обёрикунанда ва азхудкунии заминҳои нав фаъолона сурат гирифт, ки дар ин самт таҷрибаи назаррас ҷамъоварӣ гардид.

Дар ташаккули заминаи моддию техникии пешрафти иктисодиёти давлати соҳибистиқлол такмил додани системаҳои ирригатсионӣ ва обёрӣ, таҳияи усулҳои муосири агротехникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар самтҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ нақши марказӣ доранд. Ин ташаббусҳо омили асосии ноил шудан ба афзоиши устувор ва мутаносиби ҳаҷми истеҳсолот, баланд бардоштани самараи он, мукамалгардонии тараққиёти илму техника, инчунин оқилонатар ва самараноктар истифода бурдани захираҳои истеҳсолии мамлакат дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсадҳои пешбинишуда ва самаранок истифода бурдани иқтидори истеҳсолии ҷумҳурӣ омили беруниро, ки ба иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташуда таъсири манфӣ расонда метавонад, ба назар гирифтан лозим аст. Яке аз чунин омилҳо таъсири қувваҳои зилзилавӣ мебошад.

Ҳангоми сохтмони иншоотҳои муҳандисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили зилзилавиро ба инобат гирифтан лозим меояд, чунки ҷумҳурии мо дар минтақаи фаъоли зилзилавӣ қарор дорад. Ин омил барои лоиҳакашон ва сохтмончиён талаботҳоеро пеш меорад, ки бояд як қатор шартҳои иловагиро вобаста ба лоиҳакашии иншоотҳои нақлиётии зеризаминӣ ба инобат гиранд. Воқеаҳои фалокатоваре, ки солҳои охир дар натиҷаи заминҷунбии Туркия, Чин, Юнон, Мексика, Италия, Индонезия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ рӯйдод аз он шаҳодат медиҳад, ки омилҳои қайд гардида ба инобат гирифта шавад.

Таърих шаҳодат медиҳад, ки дар ин ҳолатҳо расонидани ёрии таъҷилии хатҳои ҳавоӣ ба ҷабрдидагони аз заминҷунбӣ зарардида на ҳама вақт имконияти расонидани кумаки ёрии авалиндараҷа дорад, болои ин боз фурутгоҳҳо низ қисман аз кор мебароянд ва корҳои барқароркуниро талаб мекунанд. Дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ (ИДМ) қувваҳои зилзилавӣ зиёда аз 20 фоизи масоҳати минтақаҳои фаъоли таъсири зилзиларо дар бар мегиранд ва дар мамлакатҳои Осиёи Миёна ин нишондиҳанда 100 фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари ин дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ талабот оиди таъмини иншоотҳои роҳ асосан тартиби таъмини зилзилатобоварии гузаргоҳҳои роҳравӣ бештар хусусияти изҳоротӣ доранд.

Ҳамин тавр, ҳолатҳои дар боло зикршуда зарурати гузаронидани таҳқиқотҳои навро ба миён меоранд, ки барои такмил додани лоиҳакашии меъёрҳои сохтмонӣ иншоотҳои гидротехникӣ ва обгузаронро дар минтақаҳои хавфноки зилзилавӣ барои таъмини

эътимоднокӣ ҳангоми истифодабарии онҳо яке аз вазифаи хеле муҳим ба шумор меравад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини таҳқиқоти илмии ба дастовардашуда, ворид карда шуданд:

1. Омилҳои геологие, (литологияҳои гуногун ва тавсифоти массиви ҷинсҳои кӯҳӣ), ки ба хосиятҳои мустаҳкамии ҷинсҳои массиви кӯҳӣ дар ҳудуди нақби гидротехникии Данғара таъсир мерасонанд.
2. Амсиласозии рақамии ҳолати шиддатнокӣ – шаклдигаркунии нақби обгузарон дар мисоли D-1 НОБ – и Роғун ва коркарди пешниҳодҳо оиди зиёдкунии ғафсии тахтасанги зери нақб ва армиронии асоси тахтасанг то ғафсии 5 м.
3. Коркарди конструксияи зилзилатобовари намуди аркагии қубурҳои обгузарон.
4. Пешниҳодҳо оиди интихоби намуди махкамкунӣ дар асоси мушоҳидаҳо ва таҳқиқотҳои пеш санҷидашуда, бо назардошти элементҳои асосии онҳо, барои қитъаҳои гуногуни нақби гидротехникӣ бо ҳисоби фарқияти аслии геометрӣ ва литологӣ.

**Дараҷаи нав будани ҳар як натиҷаи илмӣ (мавқеъ), хулоса ва хулосаи унвонҷӯ, ки дар рисола таҳия шудааст.**

Аҳамияти истисноӣ барои татбиқи илмӣ ва амалии маълумотҳои системавӣ, ки дар кори диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, таҳия, асосноккунӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи тадқиқоти назариявӣ оид ба раванди таҳқиқшаванда - баланд бардоштани эътимоднокии таъмини устувории сейсмикии иншооти гидротехникӣ мебошад.

**Баҳодиҳии ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.**

Рисолаи номзадӣ ягонагии дохилии матни дар он пешниҳодшуда бо ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои тадқиқот ва натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавии ба даст овардашуда ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада рафти ҳалли мавзуи воқеӣ, инчунин роҳҳои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузоштаи таҳқиқотро бо далелҳои кофӣ асоснок мекунанд. Дар кори диссертационӣ ин масъалаҳо пай дар пай ошкор карда мешаванд.

**Тамоюли натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ ба ҳалли масъалаи актуалии дахлдор, масъалаи назариявӣ ва татбиқӣ.**

Тамоми коре, ки муаллиф дар маҷмӯъ анҷом додааст, аз ҷумла ҷамъоварии маълумотҳои ибтидоӣ, мушоҳидаҳо ва ҷамъоварии иттилооте, ки дар бораи объектҳои тадқиқшуда анҷом дода шудаанд, таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ барои расидан ба ҳадафи дар пеш гузошташуда нигаронида шудаанд.

**Камбудиҳои мазмун ва тартиби диссертатсия.**

1.Автореферат саҳифаи 13 нақшаи 9 нишон дода шудааст, ки конструксияи аркашакл яклухт ё васлшаванда мебошад.

2. Ҳамин намуди конструксияи зилзилатобовар дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст.

**Мутобиқати рисола ба талаботи фасли 10 «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ».**

Камбудиҳои ошкоргардида ба ҳолати воқеии кори диссертатсионӣ ва ба баланд будани дараҷаи илмӣ – тадқиқоти таъсир намерасонад.

Ҳамин тавр, ҳамаи гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳанд ба хулосае оем, ки кори рисолаи номзадии Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи **«Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара»** кори анҷомёфтаи илмию тадқиқотӣ дар мавзӯи актуалӣ буда, ба мавзуи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошад. Талаботи комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба корҳои монанд аз рӯи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 - Сохтмони гидротехникӣ) ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони зарурии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Дотсенти кафедраи**
**сохтмон ва меъмории**
**Донишгоҳи давлатии Данғара, н.и.т.** **Тураев С.С.**

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Данғра Тоирзода С.Т.

«03» 02 соли 2025